# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгар» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» - бо далелҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии худ асоснок карда шудаанд. Дар шароити муосир бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ фароҳам овардани имкониятҳо барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар самти сохтмони роҳҳои автомобилгард муҳим арзёбӣ мегардад. Устувор намудани мавқеи давлат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бе ташаккули иқтисоди миллии самарабахш ва рушди инфрасохтори муосир имконнопазир аст. Дар ин раванд бахши нақлиёт ва махсусан сохтмон ва рушди роҳҳои автомобилгард ҳамчун яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди иқтисодӣ ва ҳамгироии иқтисодии кишвар нақши калидӣ мебозад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди инфрасохтори роҳҳои автомобилгард яке аз воситаҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ, баланд бардоштани фаъолияти соҳибкорӣ ва густариши муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ аз сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳҳои автомобилгард вобастагии зиёд дорад. Дар ин замина рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард, ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи роҳсозӣ ва ташаккули механизмҳои самарабахши ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ аҳаммияти муҳим пайдо менамояд.

Ташкили механизми самарабахши фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард имкон медиҳад, ки инфрасохтори нақлиётии кишвар такмил ёфта, сатҳи хизматрасонии нақлиётӣ беҳтар гардад, имкониятҳои нави иқтисодӣ ба вуҷуд оянд ва рушди минтақаҳо таъмин карда

шавад. Вобаста ба ин, зарурати таҳияи асосҳои илмии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи роҳсозӣ ба миён меояд, ки ба рушди самараноки бозори хизматрасониҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард ва ташаккули муҳити мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат намояд. Рушди механизмҳои идоракунии бозорӣ дар иқтисодиёти кишвар зарурати таъсиррасонии танзимкунандаи давлатро ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ истисно намекунад. Баръакс, танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард, яке аз омилҳои муҳими таъмини фаъолияти устувор ва самараноки субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Дар ин самт фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, аз ҷумла такмили қонунгузории соҳавӣ, аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти аҳаммияти рушди инфрасохтори роҳҳои автомобилгард ва нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар ин раванд, мавзуи таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои рушди иқтисоди миллӣ ва такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки муаллиф аз нигоҳи ҳуқуқӣ маротибаи аввал таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро мавриди таҳқиқот қарор дода, дар ин замина бо дарназардошти талаботи қонунгузории маданӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкур пажӯҳиш карда шудааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин дар таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи шартномаи паймонкорӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҳқиқот ӯ аввалин пажӯҳиши мукаммали бунёдӣ ва ҳаматарафаро дар самти таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст.

Навгонии асосӣ дар самтҳои зерин мушоҳида карда мешавад:

– ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқӣ оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар марҳилаҳои мухталифи таърих, аз ҷумла дар замони муосир муайян карда шудааст;

– хусусиятҳои ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ таҳлил карда шудаанд;

– хусусиятҳои танзими шартномавии муносибатҳои паймонкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард муайян карда шудааст;

– тавсифи умумии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятии аз иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард бавуҷуд меомада, баррасӣ гардидааст;

– ҷавобгарии тарафҳо барои вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ таҳлил гардида, ҳолатҳо ва асосҳое, ки сабаби қатъ гардидани шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард мегарданд, асоснок карда шудааст.

Навгониҳои илмии дар заминаи таҳқиқоти мазкур пешниҳодшуда барои муайян кардани мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бахш, хусусиятҳои фарқкунандаи он тибқи қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ, мафҳум, хусусият ва мазмуни шартномаи паймонкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард, аломатҳо вобаста ба мавқеи махсуси он дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ва монанди инҳо равона карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» ифодаёфта, бо такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ташкилоту ширкатҳои сохтмонӣ мавриди таҳлили амиқу ҳамаҷониба қарор дода шуда, нақши он дар ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ бо далелҳои дахлдор асоснок карда шудааст. Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф чунин методҳои таҳқиқот истифода шудаанд, ба монанди: расмӣ-мантиқӣ (индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез, фарзия, айният); методи низомӣ-сохторӣ дар раванди тавсифдиҳии унсурҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ ва натиҷаҳои онҳо истифода шудааст; методи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ барои шарҳ додани дурнамои танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ; методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар раванди нишон додани шартҳои муҳими шартномаҳо дар бахши сохмтони роҳҳои автомобилгардистифода шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо дар он ифода меёбад, ки муаллиф нуктаҳои пешниҳодшударо дар заминаи маълумотҳои воқеии аз тарафи субъектони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, инчунин мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳодшуда манзур намудааст, ки он метавонад барои боз ҳам мустаҳкам намудани заминаҳои илмӣ-назариявии таҳқиқот ва қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ мусоидат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои аз тарафи муаллиф натиҷагирӣ шуда, умуман натиҷаи кор бо дарназардошти таҳлили адабиёти дахлдори ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, таҷрибаи амалӣ, таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳия карда шудаанд, ки асоснокии онро мустаҳкам менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки хусусияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва онҳо аз тарафи муаллиф манзур карда шудааст, барои такмили қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ метавонад мусоидат намуда, барои рушди падидаи фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар мамлакат заминаи ҳуқуқӣ фароҳам орад. Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» ҳам аз нуқтаи илмӣ-назариявӣ ва ҳам амалӣ мубрам маҳсуб ёфта, анҷом додани таҳқиқоти илмии он амали саривақтӣ ба шумор меравад.

Дар натиҷа, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфтаи муаллиф дорои эътимоднокии баланд буда, асосҳои пешниҳодшуда барои такмили қонунгузорӣ, тақвияти фаъолияти ташкилоту ширкатҳои ба сохтмони роҳҳои автомобилгард машғулбуда ва нақши падидаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносӣ метавонад истифода карда шавад. Тавсияҳои дар диссертатсия манзуршуда, бо дарназардошти вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар пешниҳод гардидаанд, ки онҳо метавонад ҳамчун заминаи илмӣ минбаъд барои таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ истифода карда шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Хулосаю тавсияҳои манзурнамудаи муаллиф аҳамияти калони назариявӣ дошта, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи падидаҳои мухталифи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ метавонад истифода карда шавад. Ҳамзамон, аҳаммияти амалии таҳқиқотро метавон дар раванди таълим, хусусан ҳангоми тадриси фанҳои таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «Ҳуқуқи нақлиёт», курси махсуси «Ҳуқуқи шартномавӣ», инчунин ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва номгӯи адабиёти (маъхази) истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Муқаддима** ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард асоснок карда мешавад. Тавре нишон дода мешавад, рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар ва ташаккули муносиботи соҳибкорӣ дар ин соҳа, такмили механизмҳои ҳуқуқӣ, бартарафсозии холигиҳои меъёрӣ ва мутобиқ намудани амалияи ҳуқуқиро талаб менамоянд.

Дар муқаддима, инчунин дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар илми ҳуқуқ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқ, заминаи назариявӣ ва меъёрӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин асосноккунии сохтори кор ба таври мухтасар инъикос меёбанд.

**Боби якуми диссертатсия** ба мавзуи «**Тавсифи умумии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард»** мавриди таҳлил қарор дода шуда, ба таҳлили назариявӣ, ҳуқуқӣ ва сохтории муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард бахшида шуда, моҳият ва ҷанбаҳои асосии ташаккули ин муносибатҳо мавриди баррасии илмӣ қарор мегиранд. Муайян карда мешавад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин соҳа маҷмуи муташаккили робитаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки дар марҳилаҳои сабти давлатӣ, оғози фаъолият, иҷозатдиҳӣ, амалисозии корҳои сохтмонӣ, назорати давлатӣ ва супоридани объект ба истифода ба вуҷуд омада, тағйир ёфта, қатъ мегарданд.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард дорои сохтори бисёрқабата буда, чандин сатҳҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегиранд. Ба онҳо муносибатҳое дохил мешаванд, ки бо таъсис ва бақайдгирии давлатии субъекти соҳибкорӣ вобастаанд, муносибатҳое, ки дар ҷараёни бевоситаи анҷом додани фаъолияти истеҳсолӣ, иҷрои корҳо ва расонидани хизматрасониҳо ба вуҷуд меоянд, инчунин муносибатҳое, ки аз танзими давлатии соҳа бармеоянд ва дар доираи онҳо давлат ҳамчун ташкилкунандаи тартиботи ҳуқуқӣ, муқарраркунандаи талаботи меъёрӣ ва кафили ҳифзи манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ баромад мекунад. Илова бар ин, ба сохтори ин муносибатҳо робитаҳои дохиликорпоративӣ низ шомил мешаванд, ки дар дохили ташкилотҳо ва ширкатҳои роҳсозӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамзамон, аз тарафи муаллифи диссертатсия қайд карда шудааст, ки номуайянӣ дар муайянкунии қонунии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти молу мулки ғайриманқул, мушкилоти зиёдеро дар муомилоти маданӣ, шартномабандӣ, иҷозатдиҳӣ, баҳодиҳии доройӣ ва механизми сармоягузорӣ ба вуҷуд меорад. Ҷамъбасти таҳлили ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки роҳи автомобилгард ҳамчун маҷмуи унсурҳои ба ҳам вобаста: қитъаи замин, рӯйпӯши роҳ, иншооти муҳандисӣ ва инфрасохторӣ ба меъёрҳои молу мулки ғайриманқул ҷавобгӯ мебошад. Ин ҳолат зарурати мустаҳкам намудани мақоми он дар қонунгузорӣ ҳамчун маҷмуи ягонаи объектҳои ғайриманқулро пешбинӣ менамояд (саҳ. 152).

Муаллифи диссертатсия мафҳуми «қонунгузорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» дар ду маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ дода шуда, зикр менамояд, ки тибқи қонунгузории муосир, танзими муносибатҳои роҳсозӣ аз маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сатҳҳои гуногун, аз ҷумла Конститутсия,

қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва созишномаҳои байналмилалии эътирофшуда иборат аст. Ин дар маҷмуъ ба танзими ҳадафмандонаи муносибатҳои тиҷоратӣ, маъмурӣ, сармоягузорӣ ва технологӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳо мусоидат менамояд.

Инчунин муайян карда мешавад, ки инкишофи қонунгузории соҳаи роҳсозӣ ҳалқаи ҷудонашавандаи ташаккули инфрасохтори нақлиётии кишвар мебошад. Муҳиммияти махсус ба он равона шудааст, ки роҳҳои автомобилгард аз замони қадим то имрӯз яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ, тиҷорат ва иртиботот будаанд. Аз ҷумла, таърихи Роҳи Бузурги Абрешим нишон медиҳад, ки шабакаи роҳҳо то чӣ андоза дар рушди минтақаҳо ва ташаккули муомилоти иқтисодии байналмилалӣ таъсиргузор буд (саҳ. 61).

Аз ҷониби муаллиф шаклҳои асосии танзими давлатӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард баррасӣ гардида, ки аз бақайдгирии давлатӣ, иҷозатномадиҳӣ, назорати техникӣ, андозбандӣ, муқаррар кардани меъёрҳо ва тартиботи ҳатмӣ, таъмини стандартҳо, сертификатсия, танзими тарифҳо, ҳавасмандгардонӣ ё маҳдудкунии фаъолияти соҳибкорӣ иборатанд. Ин шаклҳо ҳамчун воситаҳои ташкилии таъсири давлат ба субъектҳои хоҷагидор баромад карда, ба устувории бозор, ҳимояи рақобат, сифати хизматрасонӣ ва амнияти ҳаракати роҳ мусоидат мекунанд.

Мавқеи марказиро дар ин қисмати рисола масъалаи иҷозатномадиҳӣ ишғол мекунад. Иҷозатнома ҳамчун реҷаи махсуси ҳуқуқӣ-маъмурӣ муайян карда мешавад, ки давлат тавассути он назорат ва танзими самараноки фаъолияти роҳсозиро амалӣ менамояд. Мутобиқи қонунгузорӣ, фаъолиятҳое, ки метавонанд ба амнияти давлат, саломатии аҳолӣ, муҳити зист ё инфрасохтори нақлиётӣ таъсири манфӣ расонанд, танҳо дар асоси иҷозатнома рухсат дода мешаванд. Аз ин лиҳоз, моҳияти низоми иҷозатномадиҳӣ махсус барои соҳаи сохтмон аҳаммияти калидӣ дорад, зеро он кафолати риояи талаботи техникӣ, экологӣ ва амниятиро таъмин мекунад (саҳ. 77).

Вобаста ба масъалаи мазкур дар сурати аз тарафи муаллиф пешниҳод шудани мафҳумҳои манзуршуда, воқеияти масъалаи мазкурро боз ҳам пурратар намуда, асоснокии таҳқиқоти мазкурро муайян менамуд.

Аз тарафи муаллиф **дар боби дуюми диссертатсия «Танзими шартномавии муносибатҳои молумулкӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард»** мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он масъалаҳои вобаста ба мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи паймонкорӣ, мавзуъ ва объекти шартномаи паймонкорӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ ва ҳуқуқу уҳдадории онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, ҷиҳати мушаххас намудани нақши калидӣ ва моҳияти шартномаи паймонкорӣ ҳамчун асосии

ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои молумулкӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст. Дар шароити гузариши иқтисоди миллӣ ба модели бозорӣ, ин намуди шартнома ба яке аз воситаҳои муҳимми муомилотӣ ва ташкилӣ табдил меёбад, зеро маҳз тавассути он тартиб, ҳаҷм, сифат, муҳлат ва арзиши корҳои сохтмонӣ ба таври возеҳ ва ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Иқтисоди бозорӣ ба як низоми худтанзимкунандаи иқтисод такя мекунад, аммо самаранокии он танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки робитаҳои хоҷагидорӣ тавассути механизмҳои қонунӣ, аз ҷумла шартномаҳо, ба танзим оварда шаванд. Шартнома имкон медиҳад, ки робитаи соҳибкорон дар доираи принсипҳои озодии шартнома, баробарии тарафҳо ва масъулияти мутақобила шакл гирад. Дар ин замина, шартномаи паймонкорӣ яке аз шаклҳои муосир ва динамикии танзими муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки шартномаи паймонкорӣ, тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишест, ки дар он паймонкор уҳдадор мегардад дар муҳлати муайян тибқи супориши фармоишгар объекти муайян, аз ҷумла иншооти роҳсозиро бунёд ё навсозӣ намояд. Фармоишгар бошад, бояд барои иҷрои корҳо шароити зарурӣ фароҳам орад, натиҷаро қабул кунад ва арзиши онро пардозад. Дар ҳамин робита, дар сохтмони роҳҳои автомобилгард, ин шартнома ҳамчун воситаи фундаменталӣ барои ба ҳам пайвастани манфиатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва техникии ҷонибҳо баромад мекунад (саҳ. 85).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки объекти шартномаи паймонкорӣ ҳамчун маҷмуи корҳое, ки ба сохтмони объектҳои дорои хусусияти ғайриманкул равона шудаанд, тавсиф мешавад. Бунёди роҳҳои автомобилгард, ки ба қитъаи замин алоқамананд ва аз унсурҳои муҳандисию инфрасохторӣ иборатанд, хусусияти хоси объектро муайян мекунад. Ҳамин хусусияти ғайриманқулӣ, муҳлатнокӣ ва арзиши бузурги сохтмон, паймонкориро аз дигар шартномаҳои муомилоти маданӣ ҷудо месозад.

Мазмуни шартнома маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро дар бар мегирад. Танзими шартномавӣ имконият медиҳад, ки тарафҳо тартиби иҷрои корҳо, сифати мавод, стандарти сохтмон, тартиби таҳвилу қабул, кафолатҳо, муҳлатҳо ва дигар шартҳои муҳимми ҳуқуқиро бо ҳам мувофиқа кунанд. Иродаи тарафҳо дар шартнома ба қонун баробар ҳисобида мешавад ва иҷрои он бо қувваи маҷбуркунандаи давлатӣ таъмин мегардад (138).

Дар ин ҷо муаллиф оид ба мазмуни гуногун доштани объекти шартнома ва мавзуи шартнома аңдешаронӣ намуда, бо асосҳои гуногун онро асоснок намудааст, ки қобили қабул мебошад.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард»** мавриди таҳлил қарор

дода шуда, ба таҳлили масъалаи ҷавобгарии молумулкӣ дар робита ба иҷро накардан ё номуносиб иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор мегирад. Яке аз масъалаҳои асосие, ки то ҳол дар илми ҳуқуқи маданӣ пурра ҳал нашудааст, ин муайян намудани лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликияти фармоишгар ба натиҷаи корҳои сохтмонии анҷомшуда мебошад.

Муаллиф баён медорад, ки ҷавобгарии молумулкӣ дар муносибатҳои паймонкорӣ аз табиати уҳдадориҳо сарчашма мегирад: иҷро накардан, таъхири иҷро, иҷрои ғайримуносиб, сифати пасти кор, ҳуҷҷатҳои нодуруст, истифодаи маводи пастсифат, иваз кардани ҳадафи лоиҳавӣ ва ғайра. Чи тавре ки муқаррар шудааст, ҷавобгарӣ дар шакли уҳдадориҳои иловагӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мегардад ва ҳадафи он барқарор намудани ҳуқуқи зарардида ва ҷуброни талафоти бамиёномада мебошад (138).

Муаллиф оқибатҳои номатлуби бавуҷудояндаро аз таваккали соҳибкорӣ низ асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳо муайян намудааст, ки андешаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Дар чунин маврид ҳангоми ба таври пурратар масъалагузорӣ кардани ҳолати мазкур боз ҳам таҳқиқоти илмиро мустаҳкам менамуд.

**Хулоса** аз 13 банд иборат буда, муаллиф вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ва шартномаи паймонкорӣ андешаронӣ намуда, хулосаҳои асоснок манзур намудааст. Хулосаи манзуршуда бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» равона карда шуда, вобаста ба ҳар як зербоб хулосабарории дақиқ анҷом дода шудааст. Дар хулоса аз тарафи муаллиф аз таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии падидаи мазкур сар карда то ба ҳадди ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард пешниҳодҳои мушаххас таҳия гардидааст.

**Сохтори диссертатсия** ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда оид ба фаъолияти соҳибкорӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» бо дарназардошти аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва

иҷтимоӣ тахия гардида, ба ҳалли масъалаҳои гуногуни ҷамъиятӣ метавонад таъсиррасон бошад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки Султонзода Шоҳкарим Султон зимни омода кардани таҳқиқоти илмии мазкур бо истифодаи зиёди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, қонунгузории миллию байналмилалӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мақолаю сомонаҳои интернетӣ падидаи фаъолияти соҳибкориро дар ин бахш мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, бо натиҷаи он пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст.

Ҳамзамон, зимни таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз тарафи муаллиф ба оморҳои расмӣ ва таҷрибаи мавҷуда таваҷҷуҳ зоҳир гардида, бо истифодаи онҳо аҳамияти амалии диссертатсияи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Аҳамияти иқтисодии мавзуи мазкур бевосита аз тарафи муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия ишора карда шудааст, зеро фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ҷанбаи иқтисодӣ низ дошта, муаллиф зимни омода кардани диссертатсия таҳлили иқтисодии онро ба таври дахлдор ба роҳ мондааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар заминаи адбиёти илмӣ, маълумоти оморӣ, қонунгузории ватанию байналмилалӣ ва маводҳои дигари илмӣ таҳия гардида, аҳамияти иҷтимоии он дар он ифода меёбад, ки истифодаи онҳо барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» бо дарназардошти аҳамияти ба худ хос метавонад зимни таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва омода кардани лоиҳаи қонунҳо мусоид бошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 17 маводи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 11 мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 2 маводи дигари илмӣ ба табъ расонидааст:

[1-М]. Sanginov, D.Sh., Shabonov Sh.S. Business law [Text]: Text lecture / D.Sh. Sanginov, Sh.S. Shabonov. – Dushanbe: «TNU publishing house», 2020.– 131 p.

[2-М]. Mirzozoda, P.Z., Shabonov Sh.S. Financial and tax law of the Republic of Tajikistan [Text]: Text lecture / P.Z. Mirzozoda, Sh.S. Shabonov. – Dushanbe: «TNU publishing house», 2025. – 134 p.

[3-М]. Шабонов, Ш.С. Табиати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон/ – 2019. – №6. –С. 205-208; ISSN 2413-5151

[4-М]. Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии базе масъалаҳои гардишпазирии роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4 (28). – С. 176-181; ISSN 2414-9217

[5-М]. Шабонов, Ш.С.. Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4. – С. 153-160; ISSN 2414-9217

[6-М]. Мирзозода, П.З., Шабонов Ш.С. Тавсифи умумии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / П.З. Мирзозода, Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1. – С. 147-156. ISSN 2414-9217

[7-М]. Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – Т. 12. – № 4. – С. 113-118.

[8-М]. Шабонов, Ш.С. Таърихи пайдоиши роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидо Насафӣ». – Душанбе: «Матбаи ДМТ», 2019. – С. 133-136.

[9-М]. Шабонов, Ш.С. Сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Дар маҷмуа доир ба «Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ» Бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 40 солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе – 2021. – С. 182-187.

[10-М]. Шабонов, Ш.С. Проблемы экономической безопасности страны страны в условиях глобализации [Матн] / Ш.С. Шабонов // Материалы XIII Евразийского экономического форума молодежи. Том 2. Уральский государственный экономический университет. – Екатеринбург. – 2023. – С. 245-246.

[11-М]. Шабонов, Ш.С. Государственное регулирование предпринимательской деятельности в сфере строительство автомобильных дорог [Матн] / Ш.С. Шабонов // XI Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». – Душанбе, – 2023. – С. 107-111.

[12-М]. Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон», «115 – солагии академик Бобоҷон Ғафуров, «Соли 2023 – соли забони русӣ» ва «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо». – Душанбе, 2023. – С. 115-120.

[13-М]. Шабонов, Ш.С. Ҳуқуқи моликият ба роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30 – юмин солагарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 170 – 177.

[14-М]. Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводи конференсияи илмӣ назариявӣ таҳти унвони «Паём – Роҳнамои зиндагии шоиста» Бобати шарҳу тавзеҳи нуктаҳои паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон. – Душанбе, 2024. – С. 106 – 110.

[15-М]. Шабонов, Ш.С. Реҷаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. – С. 214-217.

[16-М]. Шабонов, Ш.С. Ҷавобгарии молумулкии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард. [Матн] / Ш.С. Шабонов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи маҷмааи умумии СММ нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ «аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои Рушди иҷтисоди рақамӣ ва инноватсия». – Душанбе, 2025. – С. 231-239.

[17-М]. Шабонов, Ш.С. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Конститутсия – асоси низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 2025. – С. 230-239.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат фишурдаи диссертатсия буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбие, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Дар навгонии дуюми диссертатсия муаллиф рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба якчанд марҳилаҳои таърихӣ ҷудо намуда, хусусиятҳои асосии онҳоро муайян менамояд. Қобили зикр аст, ки дар илмҳои ҳуқуқшиносии ватанӣ, марҳилаҳои рушди қонунгузорӣ дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, одатан, ба се давраи асосӣ ҷудо карда мешаванд. Аммо дар диссертатсия мавқеи муаллиф нисбат ба ин тасниф ва асосҳои фарқгузории пешниҳодшуда ба таври муфассал нишон дода нашудааст.

2. Муаллиф муносибатҳои соҳибкориро дар соҳаи роҳсозӣ ҳамчун муносибатҳои дорои хусусияти комплексӣ арзёбӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия масъалаи таносуби меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ дар танзими ин муносибатҳо, аз ҷумла ҳадди дахолати давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ, ба таври кофӣ таҳлил нашудааст (саҳ.77). Ин масъала аз лиҳози назариявӣ муҳим буда, метавонист боз ҳам муфассал баррасӣ гардад.

Дар таҳқиқот муаллиф муносибатҳои соҳибкориро дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамчун муносибатҳои дорои хусусияти комплексӣ арзёбӣ менамояд, аммо тафовути возеҳ миёни унсурҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ дар ин муносибатҳо ба таври мушаххас пешниҳод нашудааст.

3. Бо густариши муносибатҳои бозаргонӣ ва пайдоиши моликияти хусусӣ, аз ҷумла имкони соҳибӣ кардани роҳҳои автомобилгард аз ҷониби

шахсони алоҳида ва дар муомилот қарор доштани он, зарурати таҳлили ҳуқуқии ин масъала боз ҳам муҳимтар мегардад (саҳ. 33). Аз ин рӯ, танзими ҳуқуқии ин раванд ва баррасии он аз нигоҳи илмӣ боз ҳам тадқиқоти диссертатсиониро мустаҳкам менамуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» пешниҳод гардида, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сармутахассиси раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода Ё.М.

**Суроғаи муқарриз:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, х.35, ҳ.111
Тел. 985-27-97-80; E-mail: abdullozoda.1990@bk.ru

**Имзои Ё.М. Абдуллозодаро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исозода Д.О.

СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассиса:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко-55
Тел. +992 (37) 221-08-28.
E-mail: info@sud.tj

«28» 03 соли 2026